**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиё. Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Кудратов Рустам Раҳматович ба рисолаи докторӣи Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи “Мукаммалсозии механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор”, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: (менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

## 1. Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар мавриди хеш, охирин баҳри таъмини ҳаёти созгор ва осоиштаи ҳар як сокини мамлакат имконоти зарурирo фароҳам месозад.

Ёдрас бояд шуд, ки баҳри рушди чунин соҳаи барои иқтисодиёти мамлакат бениҳоят муҳим такмили механизми давлатии бахши кишоварзӣ масъалаи калидӣ маҳсуб меёбад. Дар чунин шароит таъмини бехатарии озуқаворӣ, тавассути фаъолсозии танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва мукаммалсозии механизмҳои он ба даст меояд. Ноилгардӣ ба ҳадафи мазкур дар ҳолати баланд шудани сатҳи рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ ва рушди соҳаҳои кишоварзӣ, баланд бардоштани танзими давлатии рушди бахши икшоварзӣ ва дар ин замина рушди соҳаҳои дигари аз он вобастаи иқтисоди миллӣ, инчунин рушди самаранок ва амиқи бахши кишоварзӣ ба вуқуъ меояд.

Дар баробари мубрамияти масоили болозикр дар марҳилаи муосири инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи стратегияи таъмини амнияти озуқаворӣ муҳим ва самти афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мегардад, ки аз муҳиммияти мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар баробари таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи масоили танзими давлатии хоҷагии қишлоқ аз ҷониби муҳаққиқону олимони ватаниву хориҷӣ, ҷанбаҳои баҳсталаб ва дар баъзе ҳолатҳо мухолифат дар равишҳои ҳалли масоили танзими давлатии хоҷагии қишлоқ, хусусан ба такмили механизмҳои танзими кишоварзии мамлакат ҷой доранд. Набудани таҳқиқоти мунтазам, ки табиати иқтисодӣ, ҳолат ва нақши танзими давлатии хоҷагии қишлокро дар шароити ташаккули иқтисоди бозорӣ, инчунин фишангҳои таъмини рушди онҳоро баррасӣ мекунанд, зарурати таҳқиқи самтҳои афзалиятноки такмили механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъро муайян карданд.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи “Мукаммалсозии механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор” масъалаи илмӣ-амалии хеле мубрами иқтисодиёти мамлакат мебошад.

**2. Сатҳи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи таҳлили шумораи зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълифоти олимону муҳаққиқон доир ба масоили танзими давлатии хоҷагии қишлоқ, татбиқи усулҳои муосири ҷамъкунӣ ва коркарди иттилоот, инчунин истифодаи васеи маълумоти оморӣ ва усулҳои муосири таҳлил ва синтез ба даст оварда шудаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз ҷониби муаллифи диссертатсия мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд.

**3. Эътиборнокии натиҷаҳои таҳқиқот ва навгониҳои илмии диссертатсия**

Навоварии илмии таҳқиқот аз асоснок кардани муқаррароти назариявӣ ва таҳияи самтҳои асосии такмил додани низоми танзими давлатии хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии нисбатан муҳимме, ки муаллифи диссертатсия мустақиман ба даст овардааст, инҳо мебошанд:

1. Зарурати танзими давлатии дигаргунсозиҳои институтсионалӣ дар хоҷагии қишлоқ асоснок карда шудааст, ки пеш аз ҳама, аз принсипи эволютсионии рушди иқтисодиёт бармеояд. Ин нишон медиҳад, ки институтҳои хоҷагии қишлоқ нисбат ба дигар сохторҳои институтсионалӣ инерсияи назарраси рушдро нишон медиҳанд ва дастовардҳои пешрафти илмӣ ва техникиро бо такя ба технологияҳои анъанавӣ суст истифода мебаранд. Ҳамаи ин таъсиррасонии давлатро дар танзими равандҳои институтсионалӣ дар хоҷагии қишлоқ тақозо мекунад. Ғайр аз он, зарурат ба идоракунии давлатӣ натанҳо дар давраҳои бухронӣ, балки дар дигар марҳилаҳои рушди хоҷагии қишлоқ барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани самараи рушди устувор ба вуҷуд меояд;

2. Дар натиҷаи таҳлили ақидаҳои намояндагони мактабҳои классикӣ, неоклассикӣ, кейнсианӣ ва институтсионалӣ танзими давлатии хоҷагии қишлокро ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои назоратию танзимӣ, ки ниҳодҳои давлатии ваколатдор бо истифода аз шаклу усулҳо ва

фишангҳои давлатии таъсиррасонӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидории соҳаро бо мақсади таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат ва баландбардории некуаҳволии мардум, амалӣ менамоянд, муайян намудем;

3. Заминаҳои институтсионалии рушди хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, муаммоҳои зерини ҳалталаб дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ҷудо карда шудааст: дараҷаи пасти соҳибистиқлолии озуқавории мамлакат; дараҷаи пасти даромаднокии хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ, ки барои азнавсозии техникию технологии он шароит муҳайё намекунад ва гузаришро ба шакли инноватсионию инвеститсионии истеҳсолот мураккаб месозад; дараҷаи пасти рақобатпазии маҳсулоти ватанӣ чи дар дохил ва чи дар хориҷи мамлакат, инчунин ба назар нагирифтани тағйиротҳои иқтисодию иҷтимоие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз воридшавӣ ба Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо ба миён омаданд;

4. Дар заминаи арзёбии иқтисодии рушди хоҷагии қишлоқ хусусиятҳои танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ ва принсипҳои ташаккули механизми дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои хоҷагидорӣ ва таҳдидҳои ҷаҳони имрӯз ошкор карда шудааст. Истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз нуқтаи назари звенои марказии таъмини амнияти озуқаворӣ, ки барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ имконоти мухталифро фароҳам месозад, баррасӣ карда шудааст;

5. Муқаррароти назариявии шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар шароити муосиргардонии хоҷагии қишлоқ таҳия карда шуда, шаклҳои асосӣ (барномаҳои мақсаднок, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, паркҳои технологӣ, фондҳои сармоягузорӣ ва ғайраҳо) ва моделҳо (ташкилӣ, маблағгузорӣ, кооператсия ва ҳамгироӣ)-и шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ, ки баландбардории рақобатпазирии хоҷагии қишлоқро таъмин менамоянд, муқаррар карда шудаанд;

6. Мавқеи механизми шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар низоми муосиргардонии хоҷагии қишлоқ муайян карда шуда, пешниҳод гардидааст, ки муосиргардонии соҳаи хоҷагии қишлоқ ҳамчун низом баррасӣ карда шуда, унсурҳои асосии он инноватсия, сармоягузорӣ, ниҳодҳои давлативу хусусӣ ва инфрасохтор мебошад. Шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ аз ҷониби муаллиф ҳамчун як ниҳод ва механизме пешниҳод гардидааст, ки нақши он дар таъмини инкишофи устувори истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ таҷассум меёбад;

7. Механизми давлатии дастгирии рушди хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти ҷудосозии принсипҳо, шаклҳо, услубҳои танзими давлатӣ пешниҳод карда шуда, шаклҳои дастгирии давлатии хоҷагии қишлоқ дар сатҳи дастгирии бахши даромадҳо ва рушди техникӣ-иҷтимоӣ дар соҳа аниқ карда шудааст. Фишангҳои молиявии танзими давлатӣ ва дастгирии соҳаи хоҷагии қишлоқ муқаррар карда шуда,

механизми мукаммал гардонидани асосҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва молиявӣ-иқтисодии соҳа асоснок карда шудааст;

8. Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи устувории молиявии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ тавассути субсудиякунонии истеҳсоли маҳсулоти муҳими хоҷагии қишлоқ, рушди ҳама намуди ҳамкориҳои кишоварзӣ, ташкили шабакаи анборҳо ва коркарди аввалияи ашёи хоми хоҷагии қишлоқ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, пешкаш карда шудаанд. Механизми дастгирии давлатии хоҷагии қишлоқ ва танзими сатҳи зиддиинҳисории соҳа бо риояи меъёрҳо ва принсипҳои СУС дар доираи «сабади сабз» ё «сабади кабуд», ки барои истеҳсолкунандагони соҳаи алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар бозори дохилӣ маҳдудиятҳои рақобати сунъӣ эҷод намекунад, пешниҳод карда шудааст;

9. Хусусиятҳои қарздиҳӣ ба соҳаи хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон ошкор карда шуда, сабаби камшавии қарздиҳии бонкҳо ба соҳа бо дарназардоршти омилҳои даромаднокии пасти соҳа, болоравии меъёри фоизи қарз, баландравии қурби асъори хориҷӣ, бекурбшавии асъори миллӣ дақиқ карда шудаанд. Собит карда шуд, ки дар шароити норасогии қарзи бонкӣ дастгирии давлатӣ тариқи пешниҳоди техника ба иҷора, кафолати устувор нигоҳдории нархи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бо таъсиси механизми давлатии хариди маҳсулотҳои истеҳсолгардида ва ҷудосозии субсидияҳои мустақим ва ғайримустақим ба хоҷагии қишлоқ самаранокии соҳаро баланд гардонида, нақши онро дар ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодӣ дучанд мегардонад;

10. Самтҳои самарабахши танзими давлатии рушди хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти омилҳои рақобатпазирии соҳа, вазъи инфрасохтори хоҷагии қишлоқ ва норасоии захираҳои молиявӣ муайян карда шуданд. Махсусан, маҳалликунонии сохтори истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар сатҳи минтақавӣ; баланд бардоштани сифати пахта ҳамчун маҳсулоти асосии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи хушксозии он; инкишофи робитаҳои истеҳсолӣ байни корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва саноатӣ, инчунин ҳавасмандгардонии молиявии соҳаҳои афзалиятноки хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти нақши онҳо дар таъминоти шуғл ва ғанигардонии бозорҳои дохилӣ ҷудо карда шуданд.

## 4. Мундариҷаи кор. Ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоиҳо

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда аз муқаддима, чор боб, хулосаву пешниҳодот ва 234 номгӯи адабиёт иборат мебошад. Ҷанбаҳои таҳлилии диссертатсия тавассути 22 ҷавдвал, 4 диаграмма ва 18 расм инъикос карда шудаанд.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот асоснок карда шуда, аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шудааст (саҳ. 3-15).

**Дар боби аввал “Асосҳои назариявии танзими давлатии рушди хоҷагии қишлоқ дар шароити бозор”** (С. 16-92) аз ҷониби муаллифи диссертатсия ҷанбаҳои назариявию методологии мавзӯъ, аз он ҷумла равиши институтсионалӣ ба танзими давлатии иқтисодиёт, инчунин моҳияти иқтисодӣ ва хусусиятҳои танзими давлатии рушди хоҷагии қишлоқ баррасӣ ва таҳқиқ карда шудаанд. Ғайр аз ин, дар боби мазкур таҷрибаи хориҷии рушди соҳа дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ омӯхта шуда, имконоти татбиқи он дар мамлакат пешниҳод карда шудааст.

Дар диссертатсия муаллиф чунин мепиндорад, ки дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ зарурати гузаронидани ислоҳот дар ҳамаи бахшҳо ба миён меояд, ки таъсири онҳо ба ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ мерасад. Бинобар ин, омӯзиши равандҳои тағъирёбии институтҳои ташкили шароит барои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус хоҷагии қишлоқ, хеле муҳим ва зарур мебошанд. Нуқтаи назари мактаби илмӣ дар амалисозии ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ хусусиятҳои фарққунанда дошта, ба мавқеи давлат дар танзими иқтисодиёт низ мавқеи гуногун доранд (саҳ. 16).

Бо муаллиф ҳамақида будан мумкин аст, ки Таъсири танзимкунандаи институти давлатӣ ба бозор бояд ба муносибгардонии чараёни худтанзимкунӣ нигаронида шавад, яъне чунин ҳолат дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ, вақте талабот ва пешниҳод бо қувваҳои бозорӣ мутавозин карда мешаванд ва таъсири давлат аз дастгирии ҳамешагии ин тавозун бо назардошти омилҳое чун коҳиши монополияи корхонаҳои истихроҷкунанда ва коркардкунанда, танзими таносуби нархҳо, маҳдуд кардани воридоти озуқаворӣ то ба дараҷае, ки дар кам кардани хароҷоти истеҳсолии истеҳсолкунандагон нақши ҳавасмандкунанда эҷод мекунад, захираҳои озуқаворӣ барои амалиёт дар бозор ва солҳои тӯлонӣ таҳия ва татбиқ карда мешавад, дастгирии барномаҳои тиҷорати хурд ва ҳамкориҳои истеъмолии хоҷагии қишлоқ, аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ оид ба фурӯши маҳсулот иборат аст. Истифодаи дигаргунсозиҳои институтсионалӣ барои ташкили сохторҳои маҷмӯӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқро тақозо мекунад (саҳ 34).

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар натиҷаи таҳлили таҳовуллоти назариявӣ ақидаи муалифии зеринро пешниҳод менамояд, ки “танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ин маҷмӯи чорабиниҳои назоратию танзимиест, ки ниҳодҳои давлатии ваколатдор бо истифода аз шаклҳо, усулҳо ва фишангҳои давлатии таъсиррасонӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидории бахши хоҷагии қишлоқро бо мақсади таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат ва баландбардории некуаҳволии мардум, амалӣ менамоянд”. Инчунин қайд менамояд, ки барои истифодаи босамари иқтидорҳои мавҷудаи иқтисодиёти Тоҷикистон усулҳои бозорию давлатии танзими иқтисодиёт бояд дар ҳамбастагӣ истифода шаванд, чунки фақат дар якҷоягӣ ин фишангҳо метавонанд мувозинат байни манфиатҳои табақаҳои гуногуни

фаъолияти иқтисодиро таъмин намуда, вазифаҳои дар наздашон бударо ичро намоянд. Дар давраи дарозмуддат ин ҳамкорӣ барои такрористеҳсоли қувваҳои истеҳсолкунанда дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ зарур мебошад (саҳ. 46). Ҳамзамон хулоса менамояд, ки бахши хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон асоси бехатарии озуқаворӣ, иқтисодӣ ва миллии мамлакат аст ва аз рушди босуботи он фаъолияти босамари тамоми иқтисоди миллӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ин, ҳангоми ҳалли масъалаи рушди ҳамаҷонибаи хоҷагии қишлоқ бояд фаъолияти сохторҳои марбута на дар асоси принсипи таъмини рушди босубот, балки бо назардошти таъмини рушди инноватсионӣ, босубот ва самараноки соҳа ҳаллу фасл карда шавад (саҳ. 52).

Муаллиф бо мақсади ҳалли муаммоҳои муайяншудаи рушди хоҷагии қишлоқи мамлакат, Консепсияи муосири рушди хоҷагии қишлоқи ҷумҳуриро таҳия ва пешниҳод менамояд (расми 2, саҳ. 59).

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ барҳақ дуруст қайд менамояд, ки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ бояд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди ин намуд ҳамкорӣ, аз ҷумла маҳсулоти дар соҳаи хоҷагии қишлоқ истеҳсолшаванда, ки дар Тоҷикистон афзалиятҳои рақобатпазир доранд, истифода карда шавад. Ин барои истифодаи самараноки захираҳои давлатӣ, корпоративӣ ва хусусӣ, моддӣ, инсонӣ ва иттилоотӣ барои ҳалли барномаҳои озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати хоҷагии қишлоқ имкон медиҳад (саҳ. 91).

**Дар боби дуюм «Ҳолат ва тамоюлҳои танзими давлатии рушди хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (С. 92-149) вазъи арзёбии иқтисодии рушди хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон, инчунин мавқеъ ва нақши танзими давлатӣ дар механизми фаъолияти корхонаҳои соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия дар боби мазкур кӯшиш ба харҷ додааст, ки таҳлили самтҳо ва шаклҳои татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хоҷагии қишлоқ арзёбӣ намояд.

Воқеан, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки стратегияи амалкунандаи сиёсати рушди хоҷагии қишлоқ ва ташаккули ҷузъҳои самарабахши татбиқи он, аз он шаҳодат медиҳанд, ки маҳсулоти кишоварзии кишвар ҳоло ҳам дар ҳолати бӯҳронӣ қарор дорад ва барои рафъи ин, аз давлат татбиқи чораҳои ҷиддӣ тақозо карда мешавад. Ҳамон тавре ки муайян карда шудааст, амнияти миллии давлат асосан дар робита бо сатҳ ва сифати таъминоти озуқаворӣ ҷойгир аст. Тибқи вазъи мазкур, рушди устувори пуршиддати бахши давлатии хоҷагии қишлоқ вазифаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Айни замон, устувории бозорҳои озуқаворӣ омили муҳим дар рушди бахши хоҷагии қишлоқ мебошад. Ин аз ҷумла ба бозори тухмӣ тааллуқ дорад. Бинобар ин некӯаҳволии моддии сокинон, вобаста ба тамоми соҳаҳои бахши хоҷагии қишлоқ, бо сармояи соҳа вобаста аст. Бо мақсади нигоҳ доштани субот дар ин бозор пешниҳод мешавад, ки захираи пурраи нақшаи Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад (саҳ. 92-93). Инчунин, муаллиф қайд менамояд, ки бо барҳам хӯрдани хоҷагиҳои калонҳаҷм дар деҳот, ҳоло на ҳама хоҷагиҳои деҳқонӣ ба парвариши ҳайвоноти хонагӣ машғуланд, зеро нигоҳубини он барои оила аз ҳисоби коркарди як қитъаи замин гарон аст ва на ҳама деҳқонон метавонанд заминро шудгор кунанд. Ҷавонон асосан дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор гирифтаанд, малакаи худро аз даст додаанд ва муҳимтар аз ҳама таваҷҷӯҳ ба чунин кор надоранд, пиронсолон бошанд тадриҷан бо болоравии синну сол ба истироҳати сазовор мераванд. Аз ин рӯ, дурнамои рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ дар кишвар бидуни чораҳои қатъӣ - барои навсозии инноватсионии истеҳсолоти кишоварзӣ ғайриимкон аст (саҳ. 99). Зимни таҳлил муаллиф ошкор намудааст, ки дар маҷмӯъ, айни замон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар кишвар барои бисёр намудҳои молҳо кофӣ нест. Маҳсулоти истеҳсолшудаи миёна ба ҳар сари аҳолӣ ба намудҳои алоҳидаи маҳсулот дар ҷумҳурӣ ба нишондодҳои пешниҳодшудаи таъмини амнияти озуқаворӣ мувофиқат намекунад. Дар ҷумҳурӣ дар соли 2018, дар муқоиса бо соли 2014, афзоиши қариб ҳама маҳсулоти номбаршуда (ба ҷуз ғалладона), ба ҳар сари аҳолӣ ба назар мерасад (Диаграммаи 3, саҳ 108-109).

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки дар қисми муассири қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити номусоиди иқлимӣ ва сатҳи нокифояи дастгирии техникӣ ва технологии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ имкон намедиҳанд, ки сатҳи пасти нархи маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шавад. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки танҳо татбиқи тадбирҳои дастгирии давлатӣ рушди бомуваффақияти иқтисодиёти кишварро таъмин карда метавонад. Батанзимдарории давлатиро муаллиф ба принсипҳо гурӯҳбандӣ кардааст, ки дар расми 5 оварда шудаанд (саҳ . 121-122).

Ҳамчунин дар боби мазкур муаллиф самтҳои стратегии танзими давлатии соҳаи хоҷагии қишлоқ чунин пешниҳод менамояд: - ҳавасмандгардонии афзоиши ҳосилнокии меҳнат ба воситаи суръатбахшии саноатӣ ва диверсификатсия, иштирок дар таъмини амнияти озуқаворecho кишвар тавассути рушд ва танзими бозори дохилии озуқаворӣ, мусоидат ба рушд ва татбиқи иқтидори содиротӣ, рушди инфрасохтори молиявӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ. Дар робита ба инмуаллиф воситаҳои асосии танзими давлатии соҳаи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар расми 7 тавсия менамояд (саҳ. 126).

Бо муаллифи диссертатсия бояд ҳамақида шуд, ки истифодаи васеъи воситаҳои сармоягузорӣ барои рушди шарикиҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар Тоҷикистон, ки ба рушди идоракунии давлатӣ ва тавсеаи имкониятҳои молиявӣ барои муҷаҳҳазгардонии соҳаи хоҷагии қишлоқ мусоидат мекунад, шакли ояндадори афзалиятноки ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Самаранокии татбиқ ва фаъолияти шарикиҳои бахшҳои давлативу хусусӣ бештар аз шароите вобаста аст, ки дар иқтисодиёти миллӣ ба вуқӯъ меояд ва бо дарназардошти

систематизатсия ва мушаххаскунӣ омӯзиши махсусро тақозо мекунад. Гузариш ба ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ асосан ба такмил додани ҳамкориҳои давлат ва тиҷорати хусусӣ, дар заминаи татбиқи шарикӣ ва ҳуқуқҳои баробар дар соҳаҳои гуногун ва бахшҳои иқтисодиёт асос ёфтааст. Бо дарназардошти ин, муаллиф асосноккунӣ ва васеъ намудани самтҳо ва воситаҳои асосии ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мешуморад. Барои рушди самтҳои мазкур, муаллиф хулоса мебарорад, ки онҳо бояд ба ташаккули муносибатҳои созанда, дарозмуддат ва мутақобилан судманд байни давлат ва тиҷорати хусусӣ бо мақсади ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ-мусоидат намоянд (саҳ. 148).

Муаллиф воқеан дуруст иброз намудааст, ки истифодаи механизмҳои ташкилии ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ як марҳилаи оғозӣ ба рушди сатҳи нави муносибатҳои байни давлат ва соҳибкорӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад, ки имкон медиҳад тарафҳои пурқуввати шарикони давлат ва соҳибкорӣ барои ба даст овардани самараи баланд, сафарбар кардани захираҳо ва сармоягузорӣ дар ҳалли масъалаҳои афзалиятнок, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кам кардани хавф истифода бурда шавад (саҳ. 149).

**Дар боби сеюм «Механизми молиявии танзими давлатӣ ва дастгирии рушди хоҷагии қишлоқ»** (С. 150-222) муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар заминаи омӯзиши механизми молиявии танзими давлатии хоҷагии қишлоқ дар шароити бозор механизмҳои муосири моликунонии кишоварзиро пешниҳод намояд. Ғайр аз ин, дар боби мазкур шаклҳо ва усулҳои дастгирии давлатии молиявии соҳа муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, дар зербоби 3.3. –и боби мазкур хусусиятҳои қарздиҳӣ ба хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистонро ошкор намудааст.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия вазъи муосири рушди хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бе дастгирии давлати ва мукаммалгардонии механизми танзими давлатии бахши кишоварзӣ ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодӣ дар соҳа ва баланд бардоштани маҳсулоти кишоварзии кишвар дар бозорҳои ватанӣ ва хориҷӣ ғайриимкон аст. Дар танзими давалтии хоҷагии қишлоқ нақши махсусро танзими молиявӣ ишғол менамояд, ки дар дар бисёр кишварҳои дунё ҳамчун фишанги муҳими рушди хоҷагии қишлоқ истифода карда мешавад. Аз назари муаллиф низоми дастгирии давлатии молиявӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бояд мачмӯӣ бошад. Он метавонад як қатор зернизомҳоро аз қабили таъминоти меъёрӣ – ҳуқуқии рушди соҳа, амалисозии кукумаки молиявӣ-қарзӣ ва моддӣ – техникии бахши кишоварзӣ; рушди коператсия ва ҳамгироии корхонаҳои соҳа бо корхонаҳои коркард, ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна ва калон ва ғ.-ро дар бар гирад, ки ба чунин андеша ҳамфикр мебошем (саҳ. 151).

Дар диссертатсия пешниҳод гардидааст, ки шарти ҳатмии қарздиҳии бонкӣ ба субъектҳои хурди соҳибкории аграрӣ ба воситаи

кооператив, бояд татбиқи самтҳои асосии лоиҳаи афзалиятноки миллӣ оид ба рушди комплекси агросаноатии Тоҷикистон гардад. Яъне, маҳз миёнаравӣ дар гирифтани қарзҳо барои мақсадҳои зерин: барои рушди чорводорӣ (харидории таҷҳизоти хоҷагии қишлоқ ва таҷҳизоти хизматрасонии парвариши ҳайвонот тариқи лизинг); барои рушди шаклҳои хурди идоракунии хоҷагидории агросаноатӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерӣ ва хусусӣ); барои бо манзил таъмин намудани мутахассисони ҷавоне, ки дар соҳаи кишоварзӣ кору фаъолият менамоянд; барои рушди истеҳсолот оид ба коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бо мақсади зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ва мақсадҳои дигар (саҳ. 164).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф зикр шудааст, ки дар Тоҷикистон, дар солҳои охир аз сабаби фарсудашавии насосҳои обкашӣ ва заифгардии инфраструктураи обёрӣ вазъ дар соҳаи кишоварзиро бадтар намуд, суръати рушди иқтисодӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва сатҳи мавҷудаи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва муҳандисӣ бошад, вазъи иҷтимоии деҳотро боз ҳам мушкилтар сохт. Дар шароити ба амаломада дар иқтисодиёти Тоҷикистон такмил додани механизми молиявии танзими давлатӣ ва дастгирӣ дар асоси дахолати давлат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, ҳангоми дар як вақт гузаронидани сиёсати молиявӣ – буҷавӣ, пулию қарзӣ, бонкӣ, андозӣ, гумрукӣ ва асъорӣ дар доираи СУС, зарур аст (саҳ. 189).

Таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки агар дар соли 2013 ҳиссаи қарзҳо ба бахши кишоварзӣ аз ҳаҷми умумии қарзҳои бонкӣ 17,32% -ро ташкил медод, ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба андозаи 5,28% кам гардида 12,04% ро ташкил дод. Дар солҳои охир таваҷҷӯҳи бонкҳо ба маблағгузории хоҷагии қишлоқ кам гардида, ҷудо намудани онҳо барои бахши саноат тамоюли зиёдшавиро дорад (Ҷадвали 10, саҳ. 205-206). Инчунин таҳлили ҳиссаи маблағҳое, ки аз ҷониби давлат барои дастгирии соҳаи хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон дода шудааст нишон медиҳад, ки танҳо 0,68 % арзиши тамоми маҳсулоти кишоварзиро ба даст овардааст. Барои муқоиса, дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ин рақам беш аз 45 % -ро ташкил медиҳад. Дар сохтори буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маблағгузории мустақими хоҷагии қишлоқ пешбинӣ нашудааст (Диаграммаи 4, саҳ. 212). Вобаста ба таҳлилҳо роҳҳои бароmадaнро аз ин муаммо, муаллиф дар осонкунии механизмҳои дастраснамоии сарчашмаҳои дастгирии молиявии бахши кишоварзӣ пешниҳод менамояд.

**Дар боби чорум «Самтҳои афзалиятноки мукаммал-созии механизми танзими давлатии рушди хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (С. 223-282) муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар заминаи омӯзиши равишҳои консептуалӣ, стратегияи рушди инноватсионии соҳаи хоҷагии қишлоқро таҳия ва пешниҳод намояд. Ғайр аз ин, дар боби мазкур самтҳои таъсиси механизми сама-рабахши танзими давлатии рушди соҳа муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, дар зербоби 4.3. –и боби мазкур стратегияи

инкишофи хоҷагии қишлоқ дар шароити шарикии давлат ва бахши хусусӣ коркард ва пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия, яке аз тадбирҳои афзалиятноки таҷдиди Консепсияи рушди иннноватсионии соҳаи аграрии кишвар ин пешниҳоди ташаккули низоми мутамаркази дастгирии инноватсионӣ дар дохили Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии машваратӣ ва иттилоотӣ-таҳлилӣ, маркетингӣ, патентӣ - литсензионии рушди инноватсионии соҳаи хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад. Модели таҳиянамудаи муаллиф оид ба низоми инноватсионии зерсохтори технологӣ дар расми 12, овардааст, ки боиси дастгирӣ мебошад (саҳ. 227-228). Инчунин зимни таҳлилҳо муаллиф ба хулосае меояд, ки дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон барои рушди самаранок ва инноватсионии соҳаҳои алоҳида имкониятҳои васеъ мавҷуданд. Ҳамаи ин бо фарогирии 30-35% истеҳсолкунандагони фаъоли кишоварзӣ, ки дастовардҳои илму техника ва коркарди самтҳои инноватсионии рушди истеҳсолот амалӣ карда мешавад, имконпазир аст.

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки роҳи нисбатан самараноки ташкил ва рушди комплекси агросаноатӣ дар минтақа ин ташкили кластери бахши хоҷагии қишлоқ ба ҳайси иттиҳодияи ғайрирасмии хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои бахши кишоварзӣ, корхонаҳои саноатӣ ва инчунин ташкилоту муассисае мебошад, ки ба рушди мустақими хоҷагии қишлоқ дар минтақа саҳм мегузорад ва барои комплекси истеҳсолии минтақа ашёи хом медиҳад (Расми 16, саҳ. 251-252). Инчунин ошкор шудааст, ки бидуни дастгирии давлатӣ, хоҷагии мустақили фермерӣ дар комплекси муосири озуқаворӣ, ҳатто бо самаранокии баланди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, наметавонад рушд ёбад. Барои мустаҳкам кардани тамоюлҳои мусбати рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, дастгирии давлатӣ зарур аст, самтҳои асосии он дар расми 17, гуруҳбандӣ шудаанд (саҳ. 262).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф зикр шудааст, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон фароҳам месозад, ки аз якҷониб аз танзими давлатии мустақим канораҷӯӣ карда шавад ва аз ҷониби дигар рақобатпазирӣ дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шавад. Далели асосӣ дар самти дастгирии механизми шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар он таҷассум меёбад, ки ҳам бахши хусусӣ ва ҳам бахши давлатӣ тавсифҳо ва афзалиятҳои бемисли хешро доро мебошанд ва дар мавриди муттаҳидсозии онҳо самараи бештар дар самти идоракунӣ ва истеҳсолорти маҳсулоти кишоварзӣ ба даст меояд (саҳ. 265). Инчунин дар асоси таҳлили тарафҳои мусбию манфии ШДБХ аз ҷониби муаллиф модели раванди банақшагирӣ, таҳия, ташкил ва амалисозии лоиҳаҳои ШДБХ-ро таҳия ва пешниҳод намудааст дар ҷадвалҳои 18, 19, 20, 21 ва 22 (саҳ. 262-280), ки аз сатҳи баланди таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳад.

**Дар хулоса** (С. 283-298) натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

## 5. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳои дар боло зикршуда таҳқиқоти диссертатсионӣ аз камбудиҳо ва норасоиҳои муайян холӣ нест. Ба андешаи мо, ба сифати камбудиҳо нуктаҳои зеринро зикр намудан мумкин аст:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назарияви-методии такмили механизмҳои танзими давлатии хоҷагии қишлоқ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Аммо, мутаассифона, ба равишҳои методии баҳодиҳии самаранокии механизмҳои танзими давлатии хоҷагии қишлоқ кам аҳамият дода шудааст, гарчанде зербоби алоҳида ба масъалаи мазкур бахшида нашудааст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти бархе аз муҳаққиқон ва олимони ватанӣ, ки доир ба ин масъала анҷом дода шудаанд, камтар баррасӣ гардидаанд;
2. Дар зербоби 1.3.- и диссертатсия (саҳ. 76) аз ҷониби муаллиф хусиятҳои унсурҳои асосии шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар намуди нақша пешниҳод гардидааст, аммо хусусиятҳои асосӣ ва ҷанбаҳои муҳими масъала дар Тоҷикистон васеъ шарҳ дода нашудаанд;
3. Дар зербоби 2.3. “Таҳлили самтҳо ва шаклҳои татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хоҷагии қишлоқ” (саҳ. 130) аз ҷониби муаллиф нишондиҳандаҳои асосии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хоҷагии қишлоқ, инчунин усулҳои баҳодиҳии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хоҷагии қишлоқ муайян карда шудаанд, аммо мутаассифона баҳодиҳии самаранокии ҳамаи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хоҷагии қишлоқ татбиқшаванда камтар анҷом дода шудааст. Ба андешаи мо, агар аз ҷониби муаллиф дар мисоли лоиҳаҳои алоҳидаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хоҷагии қишлоқ чунин баҳодиҳии самаранокӣ анҷом дода мешуд, ҷанбаи амалии кор хеле мукаммал мегардид;
4. Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф механизми молиявии танзими давлатӣ ва дастгирии рушди хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, нақшаи сохтории ташаккул ва фаъолсозии дастгирии молиявиро ба бахши кишоварзӣ таҳия намудааст. Лекин, унсурҳо ва самтҳои асосии татбиқи он ба таври васеътар шарҳ дода нашудаанд;
5. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кӯшиши моделсозии рушди иннватсионии соҳаи аграрӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодии кишварро амалӣ намудааст, аммо зимни таҳияи модели рушди инноватсионии соҳаи аграрӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамаи омилҳо ва шароитҳо ба инобат гирифта шудаанд;
6. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо, камбудиҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, сатҳи баланди иҷроиши таҳқиқот ва аҳамияти амаливу назариявии диссертатсияро кам намегардонанд.

**6. Автореферат** фарогири мундариҷаи диссертатсия буда, интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар мегиранд.

**7. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Ҳамин тавр, диссертатсияи доктории Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи "Мукаммалсозии механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор", ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: (менеҷмент) пешниҳод карда шудааст, кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, фарогири навгониҳои илмӣ баҳри инкишофи илми иқтисодӣ ва амалияи хоҷагидорӣ доир ба масоили таҳқиқшаванда мебошад.

Ба андешаи мо, кори илмию таҳқиқотии Собирзода Нуралӣ Миралӣ ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои докторӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: (менеҷмент) мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**д.и.и., профессор** **Р.Р. Қудратов**

**Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, х. Рудаки, 42
Веб-сайт: http:// parlament.tj
*E-mail:* info@parlament.tj;
*Телефон*: (+992) 907-70-89-50,
(+99237) 221-44-17

Имзои д.и.и., профессор Қудратов Р.Р. – ро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**